*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 01 (649),
08 январи
соли 2026

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

# ШАРҲИ АМРҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ОЗМУНҲОИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ТОҶИКИСТОН - ВАТАНИ АЗИЗИ МАН», «ИЛМ-ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ» ВА «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ» ДАР СОЛИ 2026



**Дар ҷаҳони имрӯз, ки рушди босуръату бесобиқаи илму дониш, техникаву технология, зеҳни сунъӣ ва тарғиби фарҳангу адабиёт хусусияти барҷастаи он мебошад, донишомӯзӣ, рушди малака ва ҳифзи арзишҳои миллӣ аҳаммияти аввалиндараҷа ва ҳаётӣ пайдо кардааст.**

Асри ҷорӣ - асри илму дониш, кашфиёту ихтироот, техникаву технологияҳои навтарин – замони пешрафту тараққиёти миллату халқҳои босаводу донишманд ва навовару ихтироъкор мебошад.

Ба шарофати истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони азизи мо барои илму донишомӯзии насли наврасу ҷавонон ва рушди ҳамаҷонибаи фарҳангу санъати миллӣ тамоми шароиту имкониятҳои зарурӣ муҳайё карда шудааст. Фарҳангу санъат василаи асосии муаррифии ҳамаҷонибаи симои барҷастаи миллат ва заминаи воқеии тарбияи зебоипарастии ҷомеа маҳсуб меёбад. Миллати мо дар ҷаҳон ҳамчун миллати фарҳангӣ шинохта шуда, тайи солҳои соҳибистиқлолӣ барои ҳифзу гиромидошти арзишҳои фарҳангӣ тадбирҳои зиёде амалӣ гардидаанд. Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» низ идомаи ҳамин тадбирандешиҳо мебошад.

Ин озмун соли ҳаштум аст, ки зери сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади дарёфти истеъдодҳои нав дар соҳаҳои санъати мусиқӣ, сароияндагӣ, санъати тасвирӣ ва дизайн, интихоби намунаҳои беҳтарини оҳангу суруд ва асарҳои рассомии инъикоскунандаи фарҳанги гузашта ва имрӯзаи миллати тоҷик баргузор карда мешавад.

Дар соли 2026 маблағи умумии ҷоизаҳо ва баргузории ин озмун 8 260 000 (ҳашт миллиону дусаду шаст ҳазор) сомониро ташкил медиҳад. Ин нисбат ба соли 2025, ки барои баргузории озмуни мазкур 7 миллиону 680 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда буд, 580 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ҳамин тариқ, ғолибони шоҳҷоиза 100 ҳазор сомонӣ, ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм мутаносибан 70 ҳазор, 50 ҳазор ва 30 ҳазор сомонӣ мукофотонида мешаванд.

Ба ду қисм ҷудо намудани жанри академии номинатсияи навозандагӣ тағйироти дигар дар озмун мебошад, ки довталабон метавонанд ҳунару истеъдоди худро дар навозиши созҳои миллӣ ва созҳои аврупоӣ нишон диҳанд. Вобаста ба тағйироти зикргардида дар соли 2026 шумораи ғолибон 143 касро ташкил хоҳад дод.

Бо мақсади суръат бахшидан ба низоми самарабахши дастгирӣ ва рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, тақвият додани таъсири донишҳои илмӣ ба рушди соҳаҳои ҳаёти кишвар, баланд бардоштани самаранокии донишҳои илмӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ ва истифодаи самараноки зеҳни сунъӣ, ҳамгироии неруҳои илмӣ ва технологӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тӯли 6 сол аст, ки озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» баргузор карда мешавад.

Соли 2026 низ озмуни мазкур дар доираи татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди

*(Идома дар саҳ. 2)*

*(Идома аз саҳ. 1)*

фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» бо мақсади таҳкими тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасии боз ҳам бештар пайдо кардан ба техникаву технологияҳои муосир, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, рушди рақамикунонӣ ва истифодаи дурусти зеҳни сунъӣ, пайванди илм бо истеҳсолот, ҷалби хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши ҳамаҷонибаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, ҳамчунин дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав дар ин самтҳо баргузор мегардад.

Ҷиҳати боз ҳам такмил ва таҳким бахшидани озмун ва таъмин намудани шаффофият дар раванди баргузории он ба Низомномаи озмун тағйироту навгониҳо ворид карда шуданд. Аз ҷумла, портали ҷумҳуриявии озмун таҳия гардида, тамоми раванди баргузорӣ, маълумоти иштирокчиёну ғолибон ва саволгузорӣ аз ҷониби аъзои ҳакамон тавассути он сурат мегирад.

Ҳамчунин, санҷиши дониши иштирокчиёни даври чоруми озмун аввалан ба воситаи Маркази миллии тестӣ ва баъдан дар назди ҳайати ҳакамон сурат гирифта, василаҳои муайян намудани ғолибон тақвият бахшида шуданд. Бо назардошти тағйироти воридгардида маблағи умумӣ барои баргузорӣ ва қадршиносии ғолибони озмун 9 870 000 (нуҳ миллиону ҳаштсаду ҳафтод ҳазор) сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2025, ки барои гузаронидани ин озмун 9 220 000 (нуҳ миллиону дусаду бист ҳазор) сомонӣ ҷудо гардида буд, 650 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Баргузории озмуни мазкур тайи солҳои 2021-2025 нишон дод, ки миёни ҷавонону наврасони кишвар таваҷҷуҳ ба омӯзиши илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ бамаротиб зиёд гардида, барои дарёфт ва тарбия намудани мутахассисони баландихтисоси муҳандисиву техникӣ замина гардидааст.

Мавриди зикри хос аст, ки чун солҳои қаблӣ, соли 2026 низ таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» барои баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои милливу фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳиву худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ ва мусоидат дар рушди ҷаҳони маънавии ҷомеа баргузор карда мешавад.

Ҷиҳати боз ҳам такмил ва таҳким бахшидани раванди баргузории озмун ва ҳавасмандсозии бештари иштирокчиён соли 2026 ба Низомномаи озмун тағйирот ворид гардида, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидои касбӣ аз 2 гурӯҳ ба 3 гурӯҳи синнусолӣ ҷудо карда шуданд. Ҳамин тавр, соли ҷорӣ озмун дар байни хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4), хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-8) ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ баргузор мегардад.

Бо дарназардошти тағйироти воридгардида маблағи умумӣ барои баргузорӣ ва қадршиносии ғолибони озмун 8 290 000 (ҳашт миллиону дусаду навад ҳазор) сомониро ташкил мекунад. Ин нисбат ба соли 2025, ки барои баргузории озмуни мазкур 6 670 000 (шаш миллиону шашсаду ҳафтод ҳазор) сомонӣ ҷудо гардида буд, 1 миллиону 620 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳамин тавр, барои баргузории озмунҳои мазкур дар соли 2026 дар маҷмуъ 26 миллиону 420 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда мешавад.

Баргузории озмунҳои мазкур ҳамчун идомаи сиёсати маорифпарварона ва фарҳангсолории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон руҳбаландӣ ва талошу кӯшиши бештари ҷомеаро дар роҳи илмомӯзӣ, аз бар кардани осори мондагори фарзандони фарзонаи миллат ва рушди фарҳангу санъати миллию ҷаҳонӣ ба вуҷуд меорад ва ҳазорон кас аз наврасону ҷавонон бо илму дониш ва истеъдоди худ ғолиб гардида, насли шоистаи Ватан будани худро нишон медиҳанд.

**www.prezident.tj**

# МУЛОҚОТИ РАИСИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАВЛАТАЛӢ САИД БО ЛУ БИНГ

**6 январ, дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон раиси вилоят Давлаталӣ Саид бо Лу Бинг, директори ширкати CNPC CA дар Тоҷикистон мулоқот намуданд.**



Зикр гардид, ки вилояти Хатлон бо ширкатҳои бонуфузи Ҷумҳурии Халқии Хитой муносибатҳои хуби дуҷонибаро ба роҳ мондааст ва таъкид шуд, ки муносибатҳои Тоҷикистону Чин дар марҳилаи кунунӣ босуръат рушд дорад.

Давлаталӣ Саид зимни суханронӣ аз тақвият ва густариши робитаҳои корӣ бо ширкатҳои Чинро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти иқтисодии хориҷӣ шуморид ва афзуд, ки ба бунёди муносибатҳои дарозмуддат, ки ба истифодаи самаранокии иқтидори минтақаҳо мусоидат мекунанд, манфиатдорем.

Бояд зикр намуд, ки моҳи ноябри соли 2024 ширкати CNPC дар вилояти Хатлон 1200 километр корҳои иктишофии 2D-ро анҷом дод. Айни замон ширкат ба коркард ва тафсири маълумот тамаркуз кардааст. Барои анҷоми ин кор аз таҷҳизоти замонавӣ ва мутахассисони баландихтисос аз Чин истифода бурда, дар вилояти Хатлон беш аз 1000 ҷойи корӣ таъсис дод. Барои кадрҳои маҳаллӣ курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуд. Сармоягузорӣ тақрибан 60 миллион доллар арзёбӣ мешавад. Пас аз коркард ва тафсири маълумот, ширкат метавонад дар минтақаҳои эҳтимолӣ тадқиқоти сейсмикии 3D гузаронад, то ҷойгиршавии чоҳи ояндаро тасдиқ кунад. Бояд гуфт, ки ин мураккабтарин тарҳи техникӣ дар хориҷа дар таърихи ширкати CNPC мебошад.

Ширкати мазкур дар Тоҷикистон лоиҳаи худро дар соҳаи истихроҷи нафту газ дар минтақаи Бохтар амалӣ намуда истодааст.

Ширкати мазкур барои омӯзиши геологии канданиҳои фоиданок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома дорад ва барои амалишавии ин лоиҳа корҳои тадқиқотӣ анҷом дода истодааст. Соҳаи нафту газ ҷузъи муҳими комплекси сӯзишворӣ-энергетикии кишвар буда, дар қонеъ намудани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти нефтӣ ва дигар захираҳои сӯзишворӣ нақши арзанда дорад.

Зимни мулоқот аз рушди муносибатҳо ёдовар шуда, баҳри тақвият додани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ гуфтугӯ сурат гирифт.

**Хадамоти матбуоти**
**раиси вилояти Хатлон**

# ШАРҲИ ПАЁМ АЗ ҶОНИБИ ГУРӮҲИ КОРӢ

**6 январ дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо фаъолон ва сокинони Ҷамоати шаҳраки Москва оид ба шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вохӯрии гурӯҳи кории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон баргузор гардид.**





Дар вохӯрӣ Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят, аз ҳавзаи интихоботии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ №48, роҳбари гурӯҳ, Мирзозода Нурулло Абдулҳай, раиси ноҳия, вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят, аз ҳавзаи интихоботии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ №49, Маҳмуродзода Моҳира, директори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54, вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят, аз ҳавзаи интихоботии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ №50 ва Муродзода Марҷона, муовини сартабиби Беморхонаи марказии ноҳия, вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят, аз ҳавзаи интихоботии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ №51 иштирок ва суханронӣ намуданд.

Мирзозода Нурулло Абдулҳай, раиси ноҳия вохӯриро ифтитоҳ намуда, Паёми Пешвои миллатро санади сарнавиштсоз унвон карда, ба нақши он дар рушди кишвар таъкид намуд.

Сипас, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб доир ба самтҳои афзалиятноки Паём, аз ҷумла иқтисодиёт, молия, саноат, нақлиёт, хизматрасонии маишӣ, соҳибкорӣ, кишоварзӣ, маорифу илм, фарҳанг, тандурустӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва нақши занон дар ҷомеа ва амсоли ин маърӯза намуд.

Зикр шуд, ки қабули як қатор қатъномаҳои байналмилалӣ бо пешниҳоди Тоҷикистон, аз ҷумла оид ба "Ҳифзи пиряхҳо", "Зеҳни сунъӣ" ва ворид шудани ёдгориҳои фарҳангии Хуталии қадим ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО, инчунин эълони соли 2027 ҳамчун "Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ" шаҳодати ҷойгоҳи баланд ва ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи байналмилалӣ мебошанд.

Ҳамзамон, бо назардошти омодагиҳо ба таҷлили 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ Пешвои миллат дар Паёми навбатии хеш соли 2026-ро "Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" эълон намуданд.

Дар анҷом таъкид гардид, ки мардуми ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо дарки баланди масъулият дар татбиқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат саҳми арзандаи худро хоҳанд гузошт ва дар рушду пешрафти ноҳия фаъолона иштирок менамоянд.

# ПАЁМ – ТАТБИҚГАРИ ҲАДАФҲОИ СОЗАНДА



**Дар асоси нақша-чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар дар Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи вилояти Хатлон мизи мудаввар таҳти унвони "Паём ин шукуфой ва иҷрои ҳадафҳои созанда" доир гардид.**

Мизи мудавварро раиси Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб Ташрифзода Амиралӣ Сафаралӣ ифтитоҳ намуда, ҳозиринро ба Соли нави 2026 самимона табрик гуфт.

Зимни баромад Ташрифзода Амиралӣ Сафаралӣ таъкид кард, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷати муҳимми стратегӣ ва барномавии кишвар буда, ҳамчун роҳи муайянкунандаи сиёсати дохилию хориҷии давлат, натиҷагирии воқеии фаъолияти тамоми сохторҳо дар соли сипаригардида ва дурнамои рушди минбаъдаи мамлакат дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ хизмат мекунад.

Сипас, Шукрона Маҳмадализода, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон суханронӣ намуда, иброз дошт, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як Паёми худ ба масъалаҳои марбут ба занону модарон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Ин навбат низ дар Паёми солона таъкид гардид, ки сиёсати иҷтимоии давлат масъалаи дастгирии занонро дар меҳвари таваҷҷуҳи доимӣ қарор дода, барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди иқтидори зеҳниву иҷтимоии онҳо тадбирҳои муассир андешида мешавад.

Мавсуф зикр намуд, ки нақши занону духтарони ватандӯст дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа - аз маорифу тандурустӣ то идоракунии давлатӣ ҳамеша мавриди қадршиносӣ қарор гирифта, саҳми онҳо дар ободиву пешрафти кишвар боиси ифтихори ҳамагон аст.

Дар идома Шукрона Маҳмадализода ва Ташрифзода Амиралӣ Сафаралӣ доир ба омодагиҳо ҷиҳати таҷлили сазовори ҷашни бузурги миллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, эҳтироми арзишҳои шаҳрнишинӣ, пешгирии ҷавонон аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротгаро, инчунин мазмуну муҳтавои эълон гардидани соли 2026 ҳамчун "Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" ибрози андеша намуданд.

Дар фарҷом таъкид гардид, ки татбиқи бетаъхири дастуру супоришҳои Пешвои миллат вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандӯсту худогоҳ мебошад ва зарур аст, ки ҳар як фарди ҷомеа дар ин раванд саҳми босазо гузорад.

**"Ҳамрози халқ"**

# АЗ СОЛИ ДАСТОВАРДҲОИ БУЗУРГ ТО СОЛИ ОМОДАГӢ БА ҶАШНИ МУҚАДДАС

**Вилояти Хатлон аз бузургтарин вилоятҳои кишварамон ба ҳисоб рафта, аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, захираҳои табиӣ аз манбаи бузурги ашёи хом барои корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ ба ҳисоб меравад.**



Биноан, бо истифодаи оқилонаи заминҳои корам, майдонҳои боғистонҳои фаровонҳосил ва ҷангалу минтақаҳои кӯҳӣ ба сокинони шарафманди вилоят имкон медиҳад, ки дар баробари беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамзамон, дар рушди иқтисодиёти мамлакат саҳми дучанд гузошта бошанд. Бодарназардошти моҳияти рушду тараққиёти соҳаҳои гуногуни вилояти Хатлон давоми солҳои Истиқлоли давлатӣ бо ташаббусу ҳидоятҳои Сарвари давлат дар қаламрави ин хитаи бузург тавассуқ ба соҳаи кишоварзӣ ва рушди соҳаи саноат дучанд гардида истодааст.

Дар доираи иқдомҳои ватандӯстонаи Президенти маҳбуби кишварамон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тайи ду даҳсолаи охир ташаббусҳои ободонӣ ба истиқболи ҷашнҳои фарҳундаи кишварамон вусъати тоза пайдо кардааст. Аз ҷумла, тибқи нақшачорабиниҳо ба истиқболи арзанда аз ҷашни 35- солагии Истиқлоли давлатӣ дар ҳудуди вилоят бунёди зиёда аз 6250 иншооти гуногуни хизматрасонӣ пешбинӣ гардида буд, ки то имрӯз ҳудуди 90 дарсади иншооти ҷашнӣ аллакай ба истифода дода шудааст.

Мавриди зикр аст, ки сафарҳои кории Пешвои миллат ба вилояти Хатлон раванди корҳои бунёдкориву созандагиро вусъати тоза бахшида, ободгарони Ватан баъди суҳбату вохӯриҳо бо Сарвари давлат бо неруи тозаву руҳияи болида бахри рушду ободонии диёри аҷдодии хеш саъю талоши дучанд менамоянд. Тавре ҳамагон огоҳӣ дорем, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли сипаригардида 6 маротиба ба вилояти Хатлон сафари корӣ анҷом доданд. Дар доираи ин сафарҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 215 биною иншоот ифтитоҳ гардид, ки дар заминаи он барои сокинони вилоят 2200 ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шуд.

Чуноне, ки Президенти маҳбуби кишварамон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ иброз доштанд: "Соли 2025 барои мардуми шарифи Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бо дастовардҳои назаррас ва рӯйдодҳои муҳим боз як соли таърихӣ гардид". Аз ҷумла, дар соли гузашта, баробари ҷалби тавассуқи ҳамагонӣ бахри саҳмгузорӣ дар корҳои бузурги ободониву созандагӣ, ҳамзамон ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ иқдомҳои муҳим роҳандозӣ гардида буд. Тадбирҳои судманд дар самти бедор намудани шавқу ҳаваси мардум ба китобу китобхонаҳо, ки бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон соли 2025 дар қаламрави вилояти Хатлон "Соли фарҳанги китобхонӣ" эълон гардида буд, самараи дилхоҳ дод. Дар доираи татбиқи ҳадафҳои пешгирифта дар "Соли фарҳанги китобхонӣ" аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва саҳми соҳибкорон ба маблағи 7,3 миллион сомонӣ, китобхонаҳои дар ҳудуди вилоят ва шаҳру ноҳияҳо таъмиру азнавсозӣ гардиданд. Бо шарофати тавассуқ ба рушди соҳаи китобдорӣ ва ҷалби тавассуқи оммавӣ ба китобу китобхонаҳо буд, ки дар соли сипаригардида 90 нафар сокинони вилоят, аз ҷумла хонандагону донишҷӯён, омӯзгорону ҳамчунин, шахсони касбу кори гуногун ба даври ниҳоии Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" роҳхат гирифтанд. Дар даври ниҳоии ин озмун 28 нафар сокинони вилоят ғолибият ба даст оварда, соҳиби 2 Шоҳҷоиза, 3 ҷойи якум, 6 ҷойи дуюм ва 17 ҷойи сеюм гардиданд, ки ин аз ҳама нишондиҳандаҳои баландтарин дар солҳои баргузории озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" арзёбӣ мегардад.

Ҳамакнун, соли 2026, ки дар кишварамон ҷашнвораи бузурги таърихии 35 -солагии Истиқлоли давлатӣ ҷашн гирифта мешавад, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём таъкид доштанд, ки: "Мо бояд то ин санаи муқаддас корҳои созандагиро боз ҳам вусъат бахшида, чорабиниҳои ҷашниро бо сатҳу сифати баланд амалӣ созем".

Биноан, бо мақсади ҷалби тавассуқи кулли сокинони мамлакат ба корҳои ободониву созандагӣ, таъмир ва ҳуснороии хонаву кошона ва кӯчаву маҳалли зисти худ, Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки ба ифтихори ҷашни муқаддас ва бузурги миллӣ соли 2026 дар кишварамон "Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияти тахкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" эълон карда шавад.

Сокинони шарафманди вилояти Хатлон, аз ҷумла, аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо нишони ҷонибдорӣ аз сиёсати хирадмандонаи роҳбарияти олии мамлакат ҳама саъю талоши худро бахри иҷрои дастуру супоришҳое, ки дар Паёми Президенти кишвар таъкид гардиданд, равона намуда, азм доранд, ки ҷашни бузурги миллӣ- 35- солагии Истиқлоли давлатиро бо дастовардҳои бузурги истеҳсолӣ, анҷоми ташаббусҳои ободониву созандагӣ ва муваффақиятҳои тозаи эҷодӣ истиқбол намоянд. Дар ин росто, санаи 29-уми декабр раиси вилояти Хатлон зимни суханронии хеш дар Иҷлосияи чоруми Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон, даъвати ҳафтум пешниҳод намуданд, ки бодарназардошти дастовардҳо ва натиҷаҳоиназарраси татбиқи ташаббусҳо дар "Соли фарҳанги китобхонӣ", ин иқдоми муҳим дар солҳои 2026-2030 ба таври пайгирона низ идома ёфта, ба рушди маънавию фарҳангии ҷомеа мусоидат намояд".

Дар воқеъ, ташаббусҳои ободониву созандагӣ ба ифтихори ҷашни 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ омили рушду пешрафт, сарсабзиву ободонии Ватани азизамон ба ҳисоб рафта, ҳам қадами устуворест, дар татбиқи ҳадафҳои пешгирифтаи роҳбарияти олии мамлакат ҷиҳати таъмини зиндагии шоистаи мардум. Аз ин лиҳоз, мо аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо дарки моҳияти тадбирҳои созандаву азму талошҳои бузурги дар соли 2026 роҳандозигардида дар сафи пеши ободгарону созандагони Ватан қарор дошта, саҳмгузорӣ дар рушду пешрафти диёр ва ноил гардидан ба ҳадафҳои олиро рисолати ҳаётии худ мешуморем.

**Ҷамолиддин УСМОНИЁН,**
**"Ҳамрози халқ"**

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# ЧОРАБИНИИ ТАНТАНАВӢ ДАР ҚИСМИ НИЗОМӢ

### МУЪМИНОБОД

Бо ташаббуси кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияҳои Муъминобод ва Ховалинг бахшида ба Соли нави мелодӣ дар қисми низомии 13483 чорабинии идона доир гардид.

Дар он Ҷалилзода Сайрамбону, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Муъминобод, Раҳимзода Сулаймон, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ховалинг, Табаров Раҷабалӣ, собиқадори ҳизб, Мирзошарифзода Сабоҳат, мудири бахши занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод, Фирдавс Зарифзод, вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва Ф. Раҳимов, мудири бахши кор бо ҷавонон иштирок намуданд.



Масъулин зимни баромад афсарону сарбозонро бо Соли нави 2026 табрик гуфта, ба онҳо дар иҷрои хизмат ва ҳифзи марзу буми Ватан муваффақият орзу карданд.

Дар интиҳо, туҳфаҳои солинавӣ тақдим ва барномаи фарҳангии идона пешниҳод гардид, ки ба чорабинӣ руҳияи идона бахшид.

# ПАЁМ-СУХАНИ САМИМИИ РОҲБАРИ ДАВЛАТ БА МАРДУМ



**Дар таҷрибаи ҷаҳони муосир дар ҷамъбасти ҳар сол ва дар остонаи соли навин ба парлумони мамлакат ва дар симои вакилони мардумӣ ба тамоми халқи кишвари худ Паём расонидани Роҳбари давлат яке аз рукнҳои муҳими давлати соҳибистиқлол ва яке аз нишонаҳои ҳувайдои давлатдории демократию ҳуқуқбунёд мебошад.**

Аз Паём то Паём пайроҳа ва ё масраест, ки дар ин миён даҳҳо ташаббусу барномаҳо, нақшаҳо, дурнамоҳо, стратегияҳо тарҳрезӣ гардида, пиёда мегарданд. Аз Паёми соли 2022 то Паёми соли 2023 дар як сол дар мамлакатамон дар бахши саноатикунонии кишвар 715 корхонаи нави истеҳсолӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст ва дар онҳо 5 ҳазор нафар соҳиби ҷойи кор шуданд. Хизматрасонии бонкӣ низ ба сатҳи беҳтар бардошта шуда, ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда 32,1 фоиз зиёд гардида, 13,3 миллиард сомониро ташкил дод.

Дар солҳои 2024 ва 2025 бо дастгирии Пешвои миллат номгӯи зиёди бонкҳои давлатӣ, ташкилотҳои молиявии қарзии хурд дар низоми бонкии кишвар ба фаъолият пардохтанд. Рақамикунонии фаъолияти иқтисодӣ, гардиши ғайринақдии пули миллӣ низ дастовардҳое ҳастанд, ки дар паёмҳои гузашта матраҳ гардида, то ин Паём татбиқи худро ёфтанд. Ба ин васила дар кишвар инфилатсия ё беқурбшавии асъори миллӣ дар сатҳи ҳашт дарсад нигоҳ дошта шуд.

Дар самти роҳҳой бахшидани кишвар аз сарбастагии коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани мамлакат, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат мебошад, дар Паём дурнамои рушди соҳа, ҷалби сармояи хориҷӣ ва маблағҳои грантӣ матраҳ гардида, дар ин самт беш аз даҳҳо лоиҳаҳо дар гӯшаҳои кишвар амалӣ гардида истодаанд. Ин имкон фароҳам меорад, ки Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ миёни кишварҳои Осиёи Миёна ва Аврупо нақшгузор бошад. Масалан, дар соли сипаришуда роҳҳои бунёднамудаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар тибқи раддабандии рейтинги "Зеботарин роҳҳои сайёра" шоҳроҳи автомобилгарди Помир ба зеботарин роҳҳои сайёра шомил гардида, ҷойи 3-юмро ишғол кардааст. Баъд аз роҳҳои Фаронса ва Амрико шоҳроҳи бунёдкардаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми сеюмро ба номи Тоҷикистон рақам заданд.

Соли 2025 соли таърихиест, дар оғози Паём зикр гардид. Масъалаҳои ҳалношудаи дар тӯли садсолаҳо дар ҳалли мушкилоти марзӣ бо ибтикороту ҷавонмардӣ ва дипломатияи созандаву муваффақи Пешвои миллат натанҳо ҳаллу фасл, балки ёдгории дӯстии се кишвар бо Муҷассамаи дӯстӣ дар сегонаи марзи кишварҳои ҳамсоя бунёд ва ифтитоҳ шуд. Дар феҳристи ёдгориҳои таърихию фарҳангии ЮНЕСКО шомил шудани мероси таърихию ниёгони мо баёнгари ташаббусҳои ҷаҳонии миллати тоҷик ва эҳтироми Сардори фарзонаи миллат аст. Сатҳи некӯаҳволии мардум рушд намуд. Нишондиҳандаи дарозумрии сокинон ба 77 сол расиданд, ба 8,4 дарсад расидани суръати рушди мутаассил, ҳар сол то 25-30 дарсад боло рафтани музди меҳнат, стипендия, нафақа ва дигар дастгириҳои давлатӣ, дар даврони истиқлоли Ватан сохтмони 1 миллиону 300 ҳазор хонаи истиқоматии нав ва даҳҳо нишондиҳандаи дигар шаҳодати он аст, ки ҳар бор аз Паём то Паём иқдому ибтикороти нав таҳия ва пиёда мешаванд, ки барои расидан ба зиндагии шоистаи мардуми шарифи кишвар аст.

Паём додани Президенти кишвар мардумро ҳар сол навиди неку зиндагии шоистаро ҳар баҳор эҳдо меорад. Таъкид мегардад, ки дастаҷамъона ва дар муттаҳидӣ ҳама дастуру гуфтаҳои Паёмро татбиқ намоем.

**Муҳаммад ВАЛИЗОДА, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Фархор**

---

# ҲАМАДОНӢ. АЗ СОХТМОНҲО ТО КОМЁБИҲОИ ХОНАНДАГОН



**Соҳаи маориф ҳамчун пояи асосии рушди давлат ва ҷомеа буда, дар меҳвари таваҷҷуҳи доимии давлату Ҳукумат қарор дорад. Бо иқдомҳои пайвастаи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯзҳо дар тамоми қаламрави кишвар бунёду азнавсозии инфрасохтори таълимӣ босуръат идома дорад.**

Дар ин раванд, ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ дар соли 2025 ба пешравиҳо ва дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Саймуминзода Муқаддас, мудири шуъбаи маорифи ноҳия изҳор медорад, ки айни ҳол дар ноҳия 50 муассисаи таълимӣ, 7 муассисаи томактабӣ буда, дар онҳо зиёда аз 2052 омӯзгор фаъолият доранд. Ин теъдод нишон медиҳад, ки соҳаи маориф ба таври мунтазам рушд карда, шумораи кадрҳои омӯзгорӣ сол ба сол меафзояд.

Дар соли 2025 бо дастгирии мақомоти маҳаллӣ, сарҳмгузории соҳибкорони ватандӯст ва шарикони рушд беш аз 10 синфхонаи иловагӣ сохта ба истифода дода шуданд. Ин иқдомҳо имкон доданд, ки мушкилоти таҳсил дар ду баст то андозае коҳиш ёбад ва муҳити таълим барои хонандагон боз ҳам беҳтар гардад.

Ба гуфтаи Саймуминзода Муқаддас сохтмони синфхонаҳои иловагӣ дар чанд муассисаи таълимии дигар низ то ҳол идома дорад. Ҳадаф баланд бардоштани фарогирии хонандагон, беҳсозии шароити таҳсил ва ба талаботи меъёрҳои муосири таълим мутобиқ намудани муассисаҳо мебошад.

«Соли 2026 барои соҳаи маорифи ноҳия боз як соли пурфайзу пешрав хоҳад буд. Зеро, ба наздикӣ тибқи нақша Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 22 ва як боғчаи нав барои кӯдакон ба фаъолият оғоз менамояд, ки ин як қадами муҳим дар рушди таълими томактабӣ мебошад»,- мегӯяд мудири маориф.

Ба гуфтаи Саймуминзода Муқаддас ифтитоҳи ин ду иншооти муҳим имкон медиҳад, ки шумораи хонандагони фарогирифташуда аз таҳсил зиёд гардида, барои кӯдакони синни томактабӣ низ шароити беҳтар фароҳам оварда шавад. Соли 2025 барои хонандагони ноҳияи Ҳамадонӣ соли комёбиҳо ва натиҷаҳои назаррас буд. Дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла «Илм- фурӯғи маърифат», 4 нафар хонанда дар сатҳи вилоят ғолибият ба даст оварданд. Ҳамчунин, 2 нафари дигар дар озмуни «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» дар сатҳи ҷумҳурӣ ба гирифтани ҷойи сеюм муваффақ шуданд.

Инчунин, соли сипаригардида 60 хонандаи ноҳия дар озмунҳои бонуфузи хориҷӣ сазовори ҷойҳои ифтихорӣ шуданд. Аз ҷумла, як хонанда дар Ҷумҳурии Узбекистон аз фанни математика ҷойи сеюм гирифт, ки ин дастоварди арзанда боиси ифтихор ва сарбаландии аҳли маорифи ноҳия мебошад.

***(Идома дар саҳ. 6)***

*(Идома аз саҳ. 5)*

Бо назардошти ин муваффақиятҳо, шуъбаи маориф тасмим гирифтааст, ки дар соли 2026 сафи иштирокчиёни озмунҳо ва мусобиқаҳои илмиву эҷодӣ боз ҳам зиёд карда шавад.

Саймуминзода Муқаддас зикр намуд, ки имтиёзҳо ва дастгириҳои омӯзгорон аз ҷониби Ҳукумати кишвар ва Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол ба сол афзоиш меёбанд. Баланд гардидани маоши омӯзгорон, беҳсозии шароити корӣ ва имкониятҳои бозомӯзӣ барои омӯзгорон ангеза мебахшад, ки онҳо фаъолияти худро бо масъулияти бештар иҷро намоянд. Мо, аҳли маорифчиён ҷавобан ба ин ҳама ғамхориҳои Сарвари давлат масъулияти худро бештар эҳсос мекунем. Кӯшиш бар он дорем, ки сатҳи донишу маҳорат ва ҷаҳонбинии хонандагонро боз ҳам баланд бардорем»,-мегӯяд мудири шуъбаи маориф.

Соҳаи маориф дар ноҳияи Ҳамадонӣ дар соли 2025 ба зинаи нави рушд қадам гузошт. Сохтмони муассисаҳои нав, беҳтар шудани инфрасохтор, комёбиҳои хонандагон дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва болоравии мақоми омӯзгорон нишон медиҳанд, ки соҳаи маориф бо роҳнамоии Пешвои миллат дар роҳи дурусти рушду такмил қарор дорад. Нақшаҳо барои соли 2026 боз ҳам умедбахшанд. Бо ифтитоҳи мактабу синфхонаҳои иловагӣ ва боғчаҳои кӯдакона, ҷалби бештари хонандагон ба озмунҳо ва идомаи корҳои созандагӣ, маорифи ноҳия ба марҳилаи нав қадам мегузорад.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ,**
**«Ҳамрози халқ»**

# НАҚШИ ҲХДТ ДАР ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ҶАВОНОН

## МУСОҲИБА БО ИСФАНДИЁР БАДАЛОВ, ЁВАРИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ



**- Нахуст каме дар бораи ҳаёту фаъолияти худ қисса мекардед?**

- Факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо дипломи аъло хатм намуда, баъдан зинаи магистратураро низ аз рӯи ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ бо дипломи аъло ва зинаи докторантураи PhD аз рӯӣ ихтисоси таърих ба итмом расонида, айни ҳол унвонҷӯ мебошам. Фаъолияти кории худро аз вазифаи ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз карда, баъдан дар зинаҳои гуногуни раёсати илм ва инноватсия ва шуъбаи ТАКИП, кор карда, аз моҳи марти соли 2021 то августи соли 2025 котиби Шурои олимони донишгоҳ ва аз моҳи августи соли 2025 то инҷониб ба симмати ёвари ректори Донишгоҳи мазкур фаъолият дорам. Ҳамзамон дар ин давра ба ҳайси котиби ташкилоти ибтидоии "Олимон" ва баъдан, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии ҳизбии «Олимон»-и Донишгоҳро бар уҳда доштам.

**- Шумо, ки ҳамсоли ҲХДТ мебошед, оид ба ин неруи сиёсӣ чӣ гуфтанӣ доред?**

- Шиносоии ман бо ин неруи сиёсӣ аз солҳои аввали донишҷӯиям оғоз ёфта буд. Дар муҳити хонавода ва Донишгоҳ ҳамеша дар бораи нақши ташкилотҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, аз ҷумла Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар таҳкими субот ва рушди кишвар суҳбат мешуд. Маҳз ҳамин муҳит боис гардид, ки аз даврони донишҷӯӣ ба ин ҳизб ҳамчун як сохтори фаъоли ҷомеа таваҷҷуҳ намоям.

Ёд дорам, ки боре дар чорабиниҳои фарҳангӣ, маърифатӣ ва ҷамъиятии Донишгоҳ ширкат доштам, ки дар он нақши ҷавонон, иштироки онҳо дар корҳои ҷамъиятӣ ва аксияҳои ихтиёрӣ мушоҳида мегардид ва ин ба фикру андешаи ман таъсир гузошт. Мо ҷавонон дарк мекардем, ки фаъолиятҳои ҷамъиятӣ имконияти воқеӣ барои саҳм гузоштан дар беҳбуди муҳит ваояндаи кишвар мебошад. Азбаскӣ, ба арзишҳои ватандӯстӣ, ваҳдат, пешбурди ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва дастгирии ҷавонон таваҷҷуҳ доштам ва барномаҳои ҲХДТ низ пурра барои беҳбудии тамоми соҳоти хоҷагии мамлакат равона гардидааст, ман аз овони донишҷӯӣ фаъолияти худро дар сафи ҲХДТ оғоз намудам.

**- Ҳузури ҷавононро дар сафҳои ҲХДТ чӣ гуна арзёбӣ менамоед?**

- Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар як даврае ташкил ёфт, ки ҷомеа ба бӯҳрони амиқи идеологӣ дучор гардида, ба ташкили неруи сиёсие барои ислоҳи чунин вазъ ниёз дошт. Бо гузашти солҳо ҳизби пешбарандаи ҷомеа дар асоси ғояҳои созанда ва зери роҳбарии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба неруи солими сиёсӣ табдил ёфта, ҷомеаро муттаҳид кард ва баояндаи дурахшон умед бахшид. Чун ин ҳизб аз даврони ба фаъолият шуруъ кардан ба ҷавонон такя мекард, аз ин лиҳоз ҳузури ҷавононро дар ҲХДТ ба чанд нукот метавон арзёбӣ кард.

Ҷавонон қувваи асосии рушд ва навовариҳо ба шумор мераванд. Вақте онҳо ба фаъолияти давлатӣ ва сиёсӣ ҷалб мешаванд, имкон пайдо мекунанд, ки дар қабули қарорҳои муҳими ҷамъиятӣ саҳм гузоранд. Ин барои ташаккули тафаккури сиёсӣ ва масъулияти шаҳрвандии ҷавонон ниҳоят муҳим аст. Иштироки ҷавонон дар ҳизб ба навоварӣ оварда мерасонад. Ҳар як ҷомеа барои пешрафт ба фикру идеяҳои тоза ниёз дорад. Ҷавонон одатан фаъол, дорои неруи баланд ва омодаи кор бо технологияҳои муосир мебошанд, ки ин барои самаранокии кори ташкилотҳо, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ, муҳим аст.

Гузашта аз ин мактаби бузурги сиёсӣояндаи ҷавононро равшан месозад, чуноне мо огоҳӣ дорем, бисёри аз ҷавононе, ки имрӯз дар мансабҳои гуногуни давлатӣ масъулиятҳои бузургро бар зимма доранд, маҳз тарбиятёфтаи мактаби сиёсии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, дар ин доира обутоб ёфтаанд. Ҳузури ҷавонон дар сафҳои ҲХДТ нишон медиҳад, ки онҳо нисбат баояндаи кишвар бетафовут нестанд ва чунин фаъолият ба онҳо имконият медиҳад, ки маҳорати роҳбарӣ, кор бо ҷомеа ва мустақилияти худро инкишоф диҳанд.

Қобили зикр аст, ки узвият ба ҳизби пешбарандаи ҷомеа ба ҷавонон имконият медиҳад, ки равандҳои давлатдорӣ, моҳияти қонунгузорӣ, асосҳои рушди иҷтимоиву иқтисодиро беҳтар дарк намоянд. Ин таҷриба ба ташаккули ҷаҳонбинии муназзами ҷавонон мусоидат дошта, фаъолият дар сохторҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба онҳо имкон медиҳад, ки қобилиятҳои шахсиашонро бишиносанд ва дар ҷомеа мавқеи худро пайдо кунанд.

**- Дар мавриди ташаббуси ҳизбии "Хониши сиёсӣ" ва аҳамияти он дар тарбияи насли ҷавон чӣ гуфтаниҳо доред?**

- Ташаббуси "Хониши сиёсӣ" ба ҳайси як минбари маърифатӣ ва омӯзишии баландпоя дар тарбияти насли ҷавон нақши басо муассир мегузорад. Ин иқдом зеҳни ҷавононро бо дарки амиқи равандҳои давлатдорӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ғанӣ намуда, дар онҳо ҷаҳонбинии муназзам, худогоҳии миллӣ ва ҳуши иҷтимоиро парвариш медиҳад. Ин гуна дарсҳо қобилияти таҳлилии ҷавононро боло бурда, онҳоро ба шахсиятҳои бедордил, масъул ва дорои андешаи дурбинона табдил медиҳад.

**- Хуб мешуд, каме дар бораи фаъолияти ташкилоти ибтидоии "Олимон" маълумот медодед?**

- Кумитаи иҷроияи ибтидоии ҳизбии "Олимон"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ яке аз муассисаҳои сераъзо ва муваффақи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб ба шумор рафта, то имрӯз 350 нафар омӯзгорону кормандони муассиса ба сафи он шомил мебошанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар соли ҷорӣ 28 нафар аъзои ҲХДТ дар Кумитаи иҷроияи ибтидоии ҳизбии "Олимон" рисолаи номзадӣ ва доктории худро бомуваффақият ҳимоя намудаанд.

**- Орзуи шумо дар зиндагӣ?**

- Дастгириҳои пайваста ва ҳидоятҳои Пешвои маҳбуби миллат ба мо ҷавонон неру ва руҳбаландӣ мебахшад, ки дониш ва малакаи худро ба рушди ҷомеа, саҳмгузорӣ дар татбиқи ҳадафҳои созанда ва ободу пешрафти Ватани азизамон равона созем. Донишу малакаи худро баҳри ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ истифода бурда, бо ҷаҳду талош ва ташаббусҳои ватандӯстона пайрави асили Пешвои миллат будани худро собит намоем.

**Адиба НОДИРОВА,**
**"Ҳамрози халқ"**

# ВАСФИ АҚЛУ ХИРАД ДАР «ШОҲНОМА»

**Абулқосим Фирдавсӣ бо асари безаволи худ - «Шоҳнома» на танҳо номи худро дар саҳифаи таърих абадиву ҷовидонӣ боқӣ гузошт, балки ӯ тавассути ин шоҳасар таърих у фарҳанги ориёинажодонро, ки миллати тоҷик ҷузъи онҳо ба шумор меравад, зинда ва ба оламиён муаррифӣ намуд.**

Абулқосим Фирдавсӣ дар шоҳасари хеш ба тамоми паҳлуҳои ҳаёт дахл намуда, дар ҳама ҳолат ҷонибдори қувваҳои аҳурой буда, зидди неруҳои аҳриманӣ сухан рондааст. Имрӯзҳо, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин шоҳасари бузургро ба мардуми мамлакат ба




таври ройгон эҳдо намудааст, мо бояд онро мавриди мутолиа қарор дода, аз панду ҳикматҳои хирадмандонаи он баҳравар гардем ва зиндагиамонро бо гуфтаҳои неки ӯ хубу зебо гардонем. Ногуфта намонад, ки дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ на фақат сухан аз ҷангҳои байни шоҳону лашкаркашон, балки дар он аз ақлу хирад, донишмандиву фарзонагӣ низ сухан ронда шудааст.

Барои инсон, пеш аз ҳама, ақлу хирад ва андешаи солим зарур аст, то некро аз бад, гунаҳро аз савоб, зулмро аз адолат, сиёҳро аз сафед фарқ карда тавонем. Дар ин мақола мо кӯшиш намудем, ки нигоҳи Фиравсиро дар бораи ақлу хирад ва мазаммати бехирадӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Ҳамин аст, ки Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и хеш беш аз 130 байтро ба ситоиши ақлу хирад ва мазаммати бехирадӣ ихтисос додааст. Азбаски мутолиаи ин китоби бузург як рӯзу ду рӯзро ташкил надода, он вақти зиёдеро талаб мекунад, бинобар ин лозим донистем, ки дар пайдо намудани абёти дар васфи ақлу хирад ва мазаммати бехирадӣ бахшидаи шоир ба хонанда кумак расонем. Фирдавсӣ хирадро афсари шаҳриён ва зевари номдорон дониста, онро мояи зиндагонӣ ва шахси хирадмандро зиндаи ҷовидонӣ медонад:

*Хирад афсари шаҳриёрон бувад,*
*Хирад зевари номдорон бувад.*
*Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,*
*Хирад мояи зиндагонӣ шинос.*

Воқеан ҳам шахси хирадманд дар ҳама давру замон соҳиби обрӯву иззат мебошад ва ин гуна шахс бо номи некаш дар дилу ёди ҳамзамонони ӯ ва ояндагон ҷовидонӣ боқӣ мемонад.

Дар ҷойи дигар шоир шахси хирадмандро аз гардиши рӯзгор дар амн монданро таъкид намудааст:

*Касе, к-аш хирад бошад омӯзгор,*
*Нигаҳ дорадаш гардиши рӯзгор.*

*Хирадро кунӣ бар дил омӯзгор,*
*Бикӯшӣ, ки нафребӣ аз рӯзгор.*

Ҳангоме ин байти Фирдавсиро мехонем, байти дар ҳамин мавзуъ сурудаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пеши назар меояд, ки гуфтааст:

*Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти*
*рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.*

Дар байти зерин шоир хонандаи китобашро ба хирадмандиву беозорӣ талқин карда, ҳамзамон забонро аз гуфтани алфози бад нигаҳдоранда будан фаро мехонад:

*Хирадманд бошу беозор бош,*
*Ҳамеша забонро нигаҳдор бош!*

Шоир дили шахси хирадмандро ба ганҷи пурзару сим ташбеҳ дода, мардумро барои дарёфтани ин ганҷина ҳидоят намудааст:

*Диле, к-аз хирад гардад ороста,*
*Чу ганҷе бувад пурзару хоста.*

Абулқосими Фирдавсӣ ҳар як сухани гуфтаашро аввал чанд бор дар зеҳни худ баркашида, баъдан онро чун дурри суфта ба хонандааш пешкаш менамояд. Ҳамин аст, ки ӯ хирадро мояи бузургӣ ва хашмгиниву шитобкориро бандагӣ медонад ва хонандаро аз роҳи хирад бо ҳар баҳона сар напечидану пушаймон нашуданро талқин намудааст:

*Хирад меҳу хашмро банда дор,*
*Машав тез бо мардуми парҳезгор.*
*Зи роҳи хирад ҳеҷ гуна матоб,*
*Пушаймонӣ орад дилатро шитоб.*

Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ шахси хирадмандро барои он тавсиф намудааст, ки ӯ баду некро тамиз карда метавонад ва ӯ ба доди мардум мерасаду аз кори бад парҳез мекунад:

*Бидонад баду нек марди хирад,*
*Бикӯшад зи доду бипечад зи бад.*

Аз нуқтаи назари Фирдавсӣ шахси хирадманд подшоҳи мулки хирад буда, ҷону дили худро чун бехирадон ба роҳи ҳавову ҳавас равона намесозад:

*Касе, к-ӯ бувад бар хирад подшо,*
*Равонро наронад ба роҳи ҳаво.*

Ҳаким Фирдавсӣ оқиливу хирадмандиро дар шоҳасари хеш гаштаву баргашта таъкид намудааст, ки мардум бояд хирадманду оқил бошанду бад-ин васила аз бадиву бадкорӣ дур бошанд:

*Ҳар он кас, ки шод шуд*
*аз хирад,*
*Ҷаҳонро ба кирдори бад*
*наспарад.*
*Пушаймон нашуд, ҳар кӣ*
*некӣ гузид,*
*Ки бад з-оби дониш наёрад*
*мазид.*
*Раҳонад хирадмандро*
*аз бало,*
*Мабодо касе бар бало*
*мубтало.*
*Нахустин нишони хирад*
*он бувад,*
*Ки аз бад ҳамасола тарсон*
*бувад.*

Ба ҳамин монанд дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ мо ба абёти зиёде рӯ ба рӯ мешавем, ки инсонро ба накӯкориву некандешӣ ҳидоят намуда, аз кору кирдори бад парҳез карданро тақозо менамоянд. Аз овардани абёти зиёди дар мавзуи ақлу хирад иншонамудаи шоир бармеояд, ки «Шоҳнома» на танҳо ҳамосаи таърихиву асотирӣ, балки ҳамчун андарзномаи ҳакимонае мебошад, ки дар он оқиливу хирадмандӣ низ тавсиф гардидааст.

**Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА,**
**номзади илмҳои филологӣ**

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# ИҚДОМИ ИБРАТОМӮЗ



### ШАҲРИТУС

Бо мақсади амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ғамхорӣ ба ятимону ниёзмандон ва дастгирии табақаҳои эҳтиёҷманд дар арафаи Соли нави мелодии 2026 дар мактаб-интернати ноҳияи Шаҳритус чорабинии идонаи хайриявӣ баргузор гардид.

Ин иқдом бо ташаббуси раиси ташкилоти ибтидоии "Тоҷикстандарт", вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон Хайруллозода Шодиҷон дар ҳамбастагӣ бо Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шаҳритус роҳандозӣ гардида, дар чорабинӣ муовини раиси ноҳияи Шаҳритус Нарзуллоиён М., раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Музаффариён Манучеҳр ва раиси Ҷамоати шаҳраки Тус Холзода Лутфия ҳузур доштанд.

Дар доираи ин иқдоми неку шоиста ба тарбиятгирандагони мактаб-интернат тӯҳфаҳои солинавӣ тақдим гардида, дастархони пурнозу неъмат ороста шуд. Ин амал бо мақсади эҳсоси дастгирӣ, ҷалби таваҷҷуҳ ва дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани кӯдакон сурат гирифта, бо як фазои гарми идона ва рӯҳбаландӣ баргузор гардид.

Инчунин, муовини раиси ноҳияи Шаҳритус Нарзуллоиён М, зимни суханронӣ зикр кард, ки дастгирии табақаҳои ниёзманд, хусусан кӯдакони ятиму бепарастор, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб ёфта, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар иҷрои ин ҳадафҳо пайваста саҳм мегирад.

Ин иқдом бори дигар собит сохт, ки эҳсоси масъулият, муҳаббат ва ғамхорӣ нисбат ба насли оянда аз муҳимтарин рисолати ҳар як шахси бедордил аст.

# АЁДАТИ ОИЛАҲОИ НИЁЗМАНД



### ЁВОН

Дар доираи татбиқи сиёсати инсонпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иҷрои нақшаи чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия бахшида ба Соли нави мелодӣ як қатор иқдомҳои хайрхоҳона амалӣ гардиданд.

Бо ташаббус ва саҳмгузории ҷавони ватандӯст, узви фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Беҳрӯз Маҳмадшоев ва дастгирии гурӯҳи дорусозон (фарматсевтони) ноҳия дар ҳамкорӣ бо Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб чанде аз оилаҳои ниёзманд ва шахсони имконияташон маҳдуд аёдат карда шуданд.

Дар рӯз ба ниёзмандон тӯҳфаҳои солинавӣ, маводҳои ғизоӣ, аз қабили орд, равған, картошка, пиёз ва дигар маҳсулоти рӯзгор ҳамчунин кумаки молиявӣ дастрас карда шуд.

Мавриди зикр аст, ки ин иқдом бо иси болидарӯҳии шахсони эҳтиёҷманд гардида, боз як намунаи равшани ғамхории давлату Ҳукумат нисбат ба табақаҳои ниёзманди ҷомеа мебошад.

## БА ОЗМУНИ ҲХДТ

# РОҒУН

*Дар коргоҳи ҳастӣ мо нур офаридем,*
*Дар боғи орзуҳо ангур офаридем.*
*Хони вафо кушода, аз гармии таманно*
*В-аз оташи нигаҳҳо тандур офаридем.*
*Ноҷӯрии наворо то бартараф намоем,*
*Дар лаб навои ваҳдат танбӯр офаридем.*
*То аз гули ҳавасҳо шаҳде ба каф биояд,*
*Аз мӯри доначине занбӯр офаридем.*
*Шодобтар бигардад, то хоки поки қудсӣ,*
*Дар қуллаҳои Помир лозур офаридем.*
*Ин мулк кони гавҳар, маҳди вафову сидқ аст,*
*Аз зарраҳои хокаш ганҷур офаридем.*
*Аз мардуми парешон дар лаб нидои ваҳдат*
*Як миллати баори масрур офаридем.*
*Пайванд ҷуста садди дурӣ шикаста, охир*
*Роҳе барои халқи раҳдур офаридем.*
*Бо номи Тоҷикистон дар гӯшае зи ҷаннат*
*Як мулки нозанини машҳур офаридем.*
*Ҳақгӯӣ, ҳақталошӣ овард сарфарозӣ,*
*Бар дори Ҳақ расида Мансур офаридем*

# ИНҚИЛОБИ РОҒУН

*Роғун зи сафои об бархост,*
*Аз гармии офтоб бархост.*
*То нури хирад зафар биёбад,*
*Бо шеваи инқилоб бархост.*
*Аз қуллаи кӯҳ нури оташ,*
*Бар авҷи фалак уқоб бархост.*

*Гулбоди замона рӯҳбахш аст,*
*Истораи бахтро дурахш аст.*
*Обаш шудаст роми Рустам,*
*Дар арса ғаюр мисли Рахш аст.*
*Дарёфт аз оташ обрӯ халқ,*
*Роғуни бузург тифли Вахш аст.*

*Аз гардиши чарху тоби Роғун,*
*Пирӯз шуд инқилоби Роғун.*
*З-ин баъд шумори вақти Меҳан,*
*Сар мешавад аз ҳисоби Роғун.*
*Бо ҳарфи зиё намуд эъҷод,*
*Донои Ватан китоби Роғун.*

Усмон **БИЛОЛӢ**

# ТАЪЗИЯ

**Раёсати Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ба Ҳусайнзода Сайёра Холмурод, мудири шуъбаи умумӣ ва назорати КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон бинобар даргузашти ПИСАРАШ изҳори ҳамдардӣ баён намуда, ба пайвандону наздикони марҳум сабри ҷамил мехоҳад.**

**Ҳамрози халқ**
**Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ**

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 таҳти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **viloyat@hhdtkhatlon.tj**

E-mail:
**info@hhdtkhatlon.tj**



Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.